«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
__________Хайрзода Ш.Қ.
«____»____________ 2020 сол

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Насрутдинзода Қиёмуддин Шовалӣ дар мавзӯи «Ҷабҳаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байиалмилалӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии иомзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Диссертатсияи Насрутдинзода Қиёмуддин Шовалӣ таҳқиқоти илмии ба пуррагӣ анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз мавзӯи мубрами илми ҳуқуқшиносӣ – ҷабҳаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ бахшида шудааст.

**Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.** Диссертатсияи номзадаии Насрутдинзода Қиёмуддин Шовалӣ ба яке аз мавзӯҳои мубрами илм, амалия ва қонунгузории соҳибкорӣ бахшида шуда, дорои хусусияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ мебошад. Мубрамияти мавзӯъ бо як чанд омилҳои муҳим аз ҷониби муаллиф асоснок карда шудааст:

Бо шарофати ба даст овардани Истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои ҳуқуқӣ ва маъмурию ташкилӣ барои рушду инкишофи фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, тавсеаи ҳамкориҳои судманду мутақобил бо кишварҳои рушдёфтаи иқтисодӣ, аз ҷумла ташкилоту созмонҳои бонуфузтарини байналмилалии тиҷоратию молиявӣ ба вуқӯъ пайвастанд. Ҷойи асосиро дар фаъолияти иқтисоди хориҷӣ субъекти асосии он – соҳибкор, яъне шахси ҳуқуқии тиҷоратӣ, соҳибкори инфиродӣ ишгол менамояд.

Моҳиятан фаъолияти иқтисоди хориҷӣ бо меҳвари асосии фаъолгардидаи соҳибкорӣ асоснок шуда, фаъолияти душвор, маҷмаавӣ ва таваккалии баланди субъекти хоҷагидорӣ мебошад. Фаъолияти иқтисодии хориҷӣ фаъолияти соҳибкории махсусест, ки дар соҳаи муносибатҳои савдои хориҷӣ, сармоягузорӣ, илмӣ-техникӣ, иттиҳодиявӣ, асъорӣ-молиявӣ, берун аз марзи кишвар асоснок татбиқ гардида бо

фоиданокӣ ва афзалияти бисёршумур ва дар муҳити байналмилалӣ ба амал бароварда мешавад.

Дар замони муосир бо назардошти муҳиммияти густариши муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ дар шароити ҳамгироии ҷаҳонишавӣ, масъалаи мазкур яке аз самтҳои афзалиятнок ва меҳварии сиёсати иқтисодии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Маълум аст, ки ҶТ мисли ҳар як давлат саъю кӯшиш дорад то дар низоми иқтисоди байналмилалӣ, савдо ва бозори ҷаҳонӣ ҳиссаи арзандаи худро дошта бошад. Маҳз сатҳ ва дараҷаи рушди фаъолияти иқтисоди хориҷии давлат, истеҳсоли молҳои рақобатпазир, роҳ ёфтан ба бозори фурӯши мол, иҷрои кор, хизматрасонӣ ва савдои байналмилалӣ, пеш аз ҳама таъмини некуаҳволии шаҳрвандон аз омилҳои асосианд, ки иқтидору тавоноӣ ва мавқеи ҳар як давлатро дар низоми муносибатҳои фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ ва бозори ҷаҳонӣ муайян месозанд.

Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол нисбат ба танзими ҳуқуқии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ як зумра санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва қабул карда шудааст. Қонунгузории ҷорӣ бо хусусиятҳои худ ҷабҳаҳои гуногуни фаъолияти иқтисоди хориҷиро ба танзими ҳуқуқӣ фаро гирифтааст. Зеро фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ҳам дар қонунгузорӣ, ҳам дар илми ҳуқуқӣ ҳамчун фаъолият нисбати рушди ҳамкориҳо бо давлатҳои дигар дар соҳаи савдо, иқтисодиёт, техника, илму фарҳанг, сайёҳӣ ва ғайраро, ифода менамоянд.

Фаъолияти иқтисоди хориҷии субъектони хоҷагидорӣ чун худи фаъолияти соҳибкорӣ зери танзими ҳуқуқӣ қарор дорад. Ҷойи асосиро дар ин самт субъекти асосӣ, соҳибкор ишгол менамояд. Маҳз меъёрҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ муносибатҳоеро ба танзим медарорад, ки дар алоқамандии таъсироти давлатӣ бо фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи иқтисоди хориҷӣ пайдо гардидаанд. Меъёрҳои ҳуқуқӣ дар худ принсипҳои баамалбарории фаъолияти иқтисоди хориҷиро дарбар гирифта, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни онро муқаррар мекунанд.

Мавриди қайд аст, ки асосҳои ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар меъёрҳои Конститутсияи ҶТ таҷассум ёфтаанд. Аз мазмуни меъёрҳои с. 3, м. 11 Конститутсия бармеояд, ки «Тоҷикистон вобаста ба манфиатҳои олии халқ метавонад ба иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ дохил шавад, аз онҳо бароияд, бо кишварҳои хориҷӣ робита намояд». Вобаста ба рушди ҷабҳаҳои гуногуни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон шаклҳои гуногуни моликият, баробарҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқии онҳо кафолат гардидааст (м. 12 Конститутсияи ҶТ). Баробари ҳамин, давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷиро кафолат додааст.

Аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар ҶТ фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, ҷабҳаҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ зери таваҷҷуҳи доимии Ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад.

Дар ин хусус, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ аз санаи 26 декабри соли 2018 ироа намудаанд: «Ҳукумати ҶТ фаъолияти худро ба самти ноил шудан ба ҳадафҳои дар Стратегияи миллии рушд пешбинигардида равона карда, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардумро тавассути ҳалли масъалаҳои пешрафти устувори иқтисодӣ, тақвияти нерӯйи инсонӣ, такмили низоми идораи давлатӣ, тавсеаи имкониятҳои содиротии мамлакат, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, инкишофи бахши хусусӣ ва беҳбуди вазъи бозори меҳнат ҳадафи олии худ эълон намудааст. Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки пайомадҳои иқтисодиву иҷтимоии раванди тағйир ёфтани муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, вазъи бозорҳои молиявӣ, низоъҳои тиҷоратӣ ва таҳримҳоро мунтазам таҳлил карда, ҷиҳати пешгирӣ кардани таъсири манфии чунин омилҳо ба иқтисоди миллии мо тадбирҳои заруриро амалӣ гардонад».

Дар шароити ҳамгироии байналмилалии ҶТ оид ба муҳимияти ҷабҳаҳои гуногуни фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030 махсус ишораҳо шудааст. Аз ҷумла қайд гардидааст, ки дар шароити ба қадри кофӣ рушднаёфтаи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бизнес, мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар ҳамоҳангсозӣ ва бар дӯш гирифтани масъулият ҷиҳати таъмини рушди индустриалӣ ва инноватсионии иқтисодиёти миллӣ барои диверсификатсияи васеъ ва рақобатнокии он нақши пешбарандаро хоҳанд бозид.

Илова бар он, дар Стратегияи миллии рушд ишора гардидааст, ки ба Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои иқтисодиёти дарҳои кушода дар ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегӣ таҳдидҳои берунӣ ва дохилӣ метавонанд таъсир расонанд. Ин таҳдидҳо аз қабили нокифоя будани самаранокии идоракунии давлатӣ, нокифоя будани шароит барои фазои соҳибкорӣ, назорат ва танзими барзиёд, коррупсия, сарбории аз ҳад зиёди андозӣ ва душвориҳои маъмурикунонии андоз, сатҳи баланди монополизатсия, муҳофизати заифи ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ҳуқуқҳои соҳибкорон, паст будани суръати тараққиёт ва сатҳи баланди фарсудашавии инфрасохтор, хусусан дар соҳаҳои нақлиёт, энергетика, коммуналӣ, ки ба рушди сармоягузорӣ, содирот ва рушди иқтисодиёт монеа эҷод мекунад; авҷ гирифтани рақобат байни кишварҳои рӯ ба тараққӣ барои захираҳои молиявӣ, ки дар шароити мавҷуд набудани низоми самараноки ҷалби

сармоягузориҳои хориҷӣ рақобатпазирии байналмилалии иқтисодиёти Тоҷикистонро заиф мекунад, ва гайра.

Муаллиф ба пуррагӣ тавониста аст, ки дар доираи 3 боб моҳитяти мавӯзи таҳқиқоти диссертатсионро баррасӣ кунад.

Дар боби якуми диссертатсия «Фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ ва хусусияти он мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» масъалаҳои муайян намудани фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ, хусусиятҳои ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ ва ҷабҳаҳои танзими ҳуқуқии он дар Тоҷикистони соҳибистиқлол зери таҳлил қарор дода шудааст.

Боби дуюм «Нақш ва мавқеи ҳуқуқии субъектони фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ» аз ду зербоб иборат мебошад. Дар ин қисмат масъалаҳои ҳуқуқии мақоми субъектони фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ, хусусияти фаъолияти онҳо ва ҷабҳаҳои танзими ҳуқуқии таъсироти давлатӣ дар татбиқи фаъолияти иқтисоди хориҷии соҳибкорӣ таҳлил карда шудааст.

Дар боби сеюм «Созишномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун воситаи танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ» муҳақиқ оид ба нақш ва аҳамияти созишномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ, манфиатҳои миллӣ ҳамчун самти афзалиятнок дар соҳаи фаъолият ва ҳифзи ҳуқуқи субъектони фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ таҳлилҳо карда шудаанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба ҷабҳаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Дар диссертатсия паҳлуҳои муҳими танзими ҳуқуқии масъалаи мазкур таҳқиқ шудааст. Чунончи муаллиф маҷмӯи масъалаҳои зеринро баррасӣ кардааст, ки дар илми ҳуқуқшиносии муосир навгонӣ маҳсуб меёбанд: мафҳуми фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ, хусусияти танзими ҳуқуқӣ, мавқеи ҳуқуқии субъектони фаъолияти иқтисоди хориҷӣ дар замони муосир, ҷабҳаҳои таъсироти давлатӣ дар татбиқи фаъолияти иқтисоди хориҷии соҳибкорон, татбиқи манфиатҳои миллӣ ҳамчун самти афзалиятнок дар фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Диссертатсия таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ-тахассусӣ буда, натиҷаи он барои рушди илми ҳуқуқи соҳибкорӣ ва

қонунгузории он мусоидат мекунад. Ҷанбаҳои дигари мавзӯи диссертатсия барои рушди илмҳои соҳавии дигари ҳуқуқшиносӣ аҳамияти муҳим дорад.

Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, инчунин таҳлили танқидии ақидаҳои дар илм ҷойдошта, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводҳои илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф аз ҷиҳати назариявӣ ба рушди ҳуқуқи соҳибкорӣ саҳми муайяне дорад, чунки дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқот афзоиши донишҳо оид ба ҷабҳаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ ба мушоҳида расид. Хулоса ва пешниҳодоти таҳқиқот метавонанд ҳангоми таҳияи дастуроти назариявӣ ва амалӣ, баҳри такмил додани танзими ҳуқуқи муносиботи ҷамъиятӣ, дар раванди танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ истифода бурда шаванд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз имконоти истифодаи натиҷаи пажӯҳиши мавзӯъ дар фаъолияти ҳуқуқӣ ҳангоми таҳияи қонунҳо нисбати масъалаи мавриди таҳқиқ дар раванди таълим, аз ҷумла, ҳангоми хондани лексияҳо ва гузаронидани машғулиятҳои семинарӣ дар ҳуқуқи соҳибкорӣ, инчунин дар амалияи ҷабҳаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ иборат аст.

**Дар баробари ҷанбаҳои зиёди мусбат доштани таҳқиқоти унвонҷӯ баъзе масъалаҳои баҳснок ба мушоҳида мерасад. Бо дарназардошти андешаҳои боло баъзе эродҳо ба мазмун ва шакли диссертатсия ва авторефреат пешниҳод мешаванд:**

1. Мувофиқи мақсад, мебуд, ки унвонҷӯ дар таҳқиқот ба паҳлуҳои таърихӣ-ҳуқуқии ҷабҳаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ таваҷҷуҳ намуда ин масъалаҳоро пурратар таҳқиқ мекард. Аммо муаллиф бештар инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши ҷабҳаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байналмилалӣдар давраи мусоир баррасӣ намудааст.

2. Дар таҳқиқоти диссертатсони хуб мешуд, ки муаллиф масъалаи таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии падидаи мазкуро дар мамлакатҳои хориҷӣ ва

масъалаҳои ҷабҳаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байналмилалӣдар алоҳидагӣ ба таври пурра баррасӣ менамуд.

**Албатта, камбудиҳои зикршуда сифати таҳқиқоти диссертатсионии тақризшавандаро паст намекунанд ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд.** Хулосаҳои пешниҳодгардидаи Насрутдинзода Қиёмуддин Шовалӣ мантиқан дуруст ва илман асосноканд. Бешубҳа, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии тақризшаванда аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд, метавонанд дар фаъолияти илмӣ ва раванди таълим истифода шаванд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Тавре маълум гардид Насрутдинзода Қиёмуддин Шовалӣ ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ фаъолият мекунад. Чунин фаъолияти унвонҷӯ гувоҳи он аст, ки мутобиқатитахассусиилмииНасрутдинзода Қиёмуддин Шовалӣ барои дарёфтидараҷаи илмӣба ихтисоси 12.00.03. – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ҷавобгӯ буда, ҳамзамон робитаи кор бо ихтисоси мазкур мувофиқ аст. Яъне диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ омода карда шудааст. Яке аз бандҳои дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи мазкур «Масъалаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ ва байналмилалӣ» номгузорӣ шудааст, ки он фарогири мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия мебошад.

**Чоп намудани таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ.** Муаллифи 7 мақолаи илмӣ мебошад, ки ба таҳлили паҳлуҳои гуногуни ҷабҳаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ бахшида шудаанд. Аз ин теъдоди асарҳои илмӣ, 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд. Муаллиф аз соли 2016 то инҷониб дар семинарҳои илмии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ бо гузоришҳои илмӣ баромад кардааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ,

маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ, инчунин дар таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тағйиру иловаҳо ба он тасдиқ карда мешавад. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавоии диссертатсия.** Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмун мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани тартиб ва танзими диссертатсия.** Ҳамчунин омӯзиш ва мутолиаи таҳқиқоти мазкур аз ҷониби доираи васеи олимони ватаниву хориҷӣ дар риштаи ҳуқуқу иқтисодиёт, ки ба мавзӯи ҷабҳаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байналмилалӣдоранд, манфиатбахш мебошад. Умуман диссертатсияи Насрутдинзода Қиёмуддин Шовалӣ ба талаботи банди 10-16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), кибоҚарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, мутобиқат намуда, таҳқиқоти илмӣ тахассусе мебошад, ки ба рушди илми ҳуқуқи соҳибкорӣ аҳаммият дошта, дар роҳи ҳал ва коркарди навъи илман асоснокшудаи назариявӣ дарҷ шудааст, ки ба рушиди кишвар мубрам мебошад.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Аз омӯзиши матни пурраи диссертатсия ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Насрутдинзода Қиёмуддин Шовалӣ пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад, зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи соҳибкорӣ ва соҳаҳои дигар мусоидат карда, боис мегарданд, ки яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқи соҳибкорӣ такмил ёбад. Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ва такмили соҳа аҳаммияти муҳим доранд.

Ҷиҳатҳои инноватсионии тадқиқоти анҷом дода дар он аст, ки ба қонуниятҳои таҳлили илмӣ ва услуби хосса асосёфта, ҷабҳаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ ва инчунин унсурҳои асосии онро ифода мекунад. Дар таърихи илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистони соҳибистиқлол манбаи муҳими дониши назариявӣ ва амалӣ оид ба ҷабҳаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди

хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ мебошад.

Ҳамзамон, онҳо метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси фанни таълимии ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳангоми иҷроикорҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ, диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати корро нишон медиҳанд.

Дар умум Насрутдинзода Қиёмуддин Шовалӣ сазовори дарёфтаи дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад. Бояд иброз намуд, ки тақризи мазкур бо дарназардошти бандҳои 78-85-и «Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505 қабул шудааст, омода ва пешниҳод гардидааст.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби Бобоев Ҷ.Қ. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон омода карда шуда, дар маҷлиси кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Суратмаҷлиси кафедра № 1 аз 14 августи соли 2020.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва
зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон **Каримов Ҳ.М.**

**Ташхисгар,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ,
молиявӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон **Бобоев Ҷ.Қ.**

**Котиби ҷаласа,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва
зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон **Ҳаитов С.П.**

Имзои Каримов Ҳ.М., Бобоев Ҷ.Қ. ва
Ҳаитов С.П.-ро тасдиқ менамоем.
Сардори шӯъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДМИТ **Раҷабов Б.**

**“ 16 ” 08 2020 сол.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 734067, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14,
Тел: (+99237) 231-02-01;
E-mail:tgfeu@tgfeu.tj
сомона: www. tgfeu.tj